# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Гадоев Каримҷон Хайруллоевич ба диссертатсия ва автореферати Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Таваҷҷуҳ ба масъалаи илму маориф яке аз масъалаҳои меҳварии мамлакат зери таваҷҷуҳи ҳамешагии давлат ва Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад. Таълим ва азхудкунии илмҳои муосир, технологияҳои иттилоотӣ, забонҳои хориҷӣ ва омода шудани мутахассисони соҳибкасб аз муассисаҳои мухталифи таълимии кишвар татбиқи корҳои зиёдро талаб менамояд. Марҳила ба марҳила гузаштан аз шумора ба сифат, дар сатҳи зарурӣ аз худ кардани на камтар аз ду забони хориҷӣ, ворид сохтани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим аз ҷониби роҳбарияи олии мамлакат пайваста таъкид мегардад. Ин ҳама моро водор месозад, ки ба таҳқиқу омӯзиши мушкилоти соҳаи маориф ва илм бо назари илмӣ муносибат намуда, ошкор сохтани мушкилоти ҷойдошта ва пайдо намудани роҳҳои ҳалли мушкилотро пешаи худ намоем.

Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович яке аз масъалаҳои барои ҷомеаи мамлакат мубрамро интихоб намуда, онро давоми чор сол мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Бовуҷуди оне ки таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) дар МТМУ аз синфи сеюм оғоз мегардад, ҳамоно мушкилот дар азхудкунии сохтари забон ва муоширати озод боқӣ мемонад. Бо таҷрибаи чандинсолаи омӯзгорӣ дар таълими муассисаҳои мухталифи таълимӣ, дарс додан аз забони англисӣ, фаъолияти беш аз ҳафтсола дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва ҳайси мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва карера фаъолият кардан тули ду соли дигар, ба диссертант имконият дод, то ин ки аз солҳои аввали шуруъ кардан ба таҳқиқоти илмӣ то анҷоми он назария бо амалия дар фаъолияти илмии ӯ тавъам бошад.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаҳои бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои умумӣ ва матни ҳамаи бобҳо бо ҳамдигар мантиқан алоқаманд буда, фарогири тамоми масъалаҳои таҳқиқ мебошанд. Ҳаитматов Ф.Х. кӯшиш кардааст, ки ҳам дар қисмати назариявӣ ва ҳам дар қисмати амалӣ бештар ба масъалаи асосии мавзуи таҳқиқ, ташкили хониши мустақилона, ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ, ҳавасмансозии онҳо ба омӯзиши забони англисӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд. Пешниҳоди назари худ дар такя ба фикру андешаи олимони соҳа, муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, исботи масъала бо пешниҳоди иқтибос арзиши илмии диссертатсияро бештар мегардонад.

Мундаричаи диссертатсия ба талаботҳои таҳияи корҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Мубрамии масъалаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект, мавзуъ, фарзия, навгониҳои илмии таҳқиқот ва дигар ҷузъиётҳои муҳим дар ин қисмати кор дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия тахти унвони «*Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ*» аз се зербоб иборат мебошад. Ин қисмати кор дорои хусусияти назариявӣ буда, масъалаи таҳқиқ аз ҷониби диссертант мавриди омӯзишу баррасӣ амиқ қарор гирифтааст. Мафҳумҳои муҳиму асосии таҳқиқот, аз қибили хониши мустақилона, азхудкунии луғат, раванди таълими забони англисӣ таҳлил ва таҳқиқ гардида, нақши хониши мустақилона ва аҳаммияти рушди салоҳияти луғавӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ муайян гардидааст.

Таҳлилилу баррасии мафҳуми «хониш», шакл ва намудҳои он, мақсад ва вазифаҳои хониш, механизмҳои асосии хониш, хусусият ва функсияҳои он дар алоҳидагӣ ва ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ имкон додаанд, ки диссертант ба умқи масъала хубтар ворид гашта, барои қадамҳои минбаъдаи таҳқиқи масъала маълумоти бештар пайдо намояд.

Боби дуюми диссертатсия «*Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ*» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад. Баррасии талаботҳо ва методҳои интихоб асарҳо барои хониш мустақилона, меъёрҳои ташкили хониши мустақилона дар ҷараёни таълим, маҷмӯи машқу супоришҳо дар боби мазкур рӯйи кор омадаанд.

Яке аз мушкилотҳо дар ташкили хониши мустақилона – талабот оид ба интихоби маводу матни хониш ва ташкили дурусти ин навъи фаъолият ба шумор меравад. Масъалаҳои болозикр дар ду зербоби боби дуюм мавриди тақиқ қарор гирифтанд.

Дигар масъала, ҳавасмандсозии шогирдон маҳбус ёфта, омилҳои зиёде дар ин самт ба ин ҳолат таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд. Вобаста ба синну сол, майлу рағбат ва таваҷҷуҳи хонандагон се намуди ҳавасмандгардонии хонандагон (*навгонии мундариҷаи маводди таълимӣ, такмили донишҳои пешина ва омӯзиши ҳамгиро*) ҳангоми интихоби матн ва рушди муошырати байнифарҳангӣ оварда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия – «Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он» номгузорӣ шуда, қисмати ҷамъбастии кор ба шумор рафта, бо мақсади исботи фарзияи пешниҳодшуда натиҷаи озмоиши таҷрибавиро инъикос менамояд. Дар заминаи он хулосаҳои ниҳоии таҳқиқот пешниҳод мегарданд. Қисмати мазкури диссертатсия таҳлилу баррасии таҳқиқотро дар ду зербоб ба таври амиқ дар ҷадвалу диаграммаҳо инъикос менамояд.

Ташкили озмоиши таҷрибавӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқ, ташкили тарзи самараноки хониши мустақилона ва роҳҳои ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ, инчунин таҳлили натиҷаҳои он боби мазкурро ба охир мерасонад.

Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар заминаи таҳқиқоти анҷомдода 1 дастури таълимӣ, 15 мақолаҳои илмӣ, ки 3 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Хулоса ва тавсияҳои Ҳаитматов Ф.Х. оид ба истифодаи амалии натиҷаи тадқиқот имкон медиҳад, ки таълими забони англисӣ, бахусус ташкили хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоии МТМУ боз ҳам такмил дода шуда, забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират омӯхта шавад.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи мазмуну мундариҷа, ҳаҷм, миқдори маводҳои чопшуда ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор ониста мешавад.

| | |
|---|---|
| Роҳбари илмӣ,<br>н.и.п., дотсент | Гадоев Каримҷон<br>Хайруллоевич |

| | |
|---|---|
| Имзои К.Х. Гадоевро тасдиқ мекунам,<br>сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси<br>ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода | Юсупова Б.Ғ. |

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

18. 10. 2024